Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

Дигаргуниҳои сиёсӣ ва ҳуқуқие, ки дар ҷомеаи муосир ба вуҷуд меоянд, аз давлат ва мақомоти он таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ва масъулияти бештарро талаб менамояд. Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд масъалаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, амният ва сулҳу осоиштагӣ яке аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад.

Татбиқиислоҳоти ҳуқуқӣ дар дилхоҳ давлат дар сурате имконпазир мегардад, ки низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ инкишоф ёфта, сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони он баланд гардад.

Фаъолияти пурсамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, аз сатҳи шуури ҳуқуқии субъектони амаликунандаи он алоқаманд аст. Дар рисолаии илмии баррасишаванда махсусан ба шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маъмулан ҳамчун шуури ҳуқуқии касбӣ арзёбӣ мегардад, таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ки муҳим ва саривақтӣ мебошад. Таваҷҷӯҳ ба он нуктаҳои илмие равона карда шудааст, ки барои дуруст муайян кардани мавқеъ ва нақши шуури ҳуқуқӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ аҳамияти асосӣ доранд.

Диссертант дуруст иброз менамояд, ки шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар доираи донишҳои назариявӣ, дарки

мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти амалии татбиқнамои ҳуқуқ ташаккул меёбад.

Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло аз ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузории соҳавӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳаммияти муҳим доранд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии баррасишаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ҳамзамон, баъзе аз масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад, аз ҷумла:

Дар пешниҳоди 7 муаллиф иброз менамояд, ки ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз ҳадафҳои ҷавҳарии ислоҳоти милитсия дар Тоҷикистони муосир мебошад, ки онро дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд ба се давра тақсим намудааст. Аммо аз матни автореферат аён нест, ки муаллифи диссертатсия ҳангоми даврабандӣ ба кадом меъёр (критерия) такя намуда, ба чунин хулоса омадааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд оид ба ин масъала диссертант андешаи худро иброз менамуд.

Эроди дар боло зикр гарида аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти

диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ гардидаанд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» мувофиқ ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он Қодирзода Ғолиб Нурулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода

Имзои Р.М. Раҷабзодаро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.С. Сафарзода

Раҷабзода Равшан Муҳитдин 734024
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 42,
тел: (992 37) 221-78-93, (+992) 918-61 - 18-53
E-mail: rrm_67@mail.ru
«21» октябри соли 2024

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН